**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№9**

**аз 29 майи соли 2003** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи таҷрибаи аз тарафи судҳо татбиқ намудани қонунгузории марбут ба парвандаҳое, ки аз вайронкунии қонунҳои ҳифзи табиат бармеоянд**
***(бо тағйиротҳое, ки бо қарорҳои Пленум аз 23 июни соли 2010 №21 ва аз 23 ноябри соли 2012, № 21 ворид карда шудаанд)***

Аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои қонунгузории наве, ки ба ҳифзи табиат равона гардидаанд, қабул карда шудаанд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 2 августи соли 2011 таҳти №760, Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011 таҳти №761, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таксаҳо барои ҳисоб карда баровардани андозаи ҷарима барои вайрон кардани қонунгузорӣ оид ба ҷангал» аз 2 декабри соли 2008 таҳти №613 ва «Низомномаи тартиби назорати давлатии ҳолат, истифода, барқарорсозӣ, нигоҳубин ва ҳифзи ҷангал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 сентябри соли 2000 таҳти №388 тасдиқ шудааст, қабул гардидаанд.

Муҳим будани нигоҳдории муҳити атроф, олами наботот ва ҳайвонотро ба инобат гирифта, бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои вайрон кардани қонунҳои ҳифзи табиат ҷавобгарии моддӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ пешбинӣ карда шудааст.

Аз ин рӯ, бинобар хеле муҳим будани масъалаи мазкур, бо мақсади дар оянда дуруст ва саривақт ҳал намудани парвандаҳое, ки аз қонуншиканиҳои марбут ба ҳифзи табиат бармеоянд, дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, -

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

1. Ҳангоми баррасии парвандаҳои марбут ба вайронкунии қонунҳои ҳифзи табиат, диққати судҳои ҷумҳурӣ ба зарурати дуруст татбиқ намудани меъёрҳои моддӣ ва мурофиавӣ равона карда шавад.

Судҳо ҳангоми баррасии парвандаҳои категорияҳои қайдшуда бояд сатҳи фаъолияти худро баланд бардошта, гунаҳгорони вайронкунии қонунгузории марбут ба ҳифзи табиат, ҳамчунин сабабу шароитҳое, ки боиси содир шудани қонуншиканиҳои мазкур гардидаанд, ошкор намоянд ва барои пешгирии содир гардидани чунин қонуншиканиҳои нав чораҳо андешанд.

2. Ба судҳо тавзеҳот дода шавад, ки:

а) ба дарахту буттаҳои худрӯй ва шинондашуда зарар овардани корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандон, растаниҳои кишта, ниҳолҳо ва киштзорҳои ҷангалро вайрон кардан ва ё ба онҳо зарар овардан, худсарона даравидани алаф ва чаронидани чорво дар замини фонди давлатии ҷангал, меваи дарахтони худрӯй, чормағз ва буттамеваи замини фонди давлатии ҷангалро худсарона чидан, дарахтони ҷангалро худсарона буридан ва ҳоказо, ки дар натиҷа ба муҳити зист зарари моддӣ расонида шудааст, ба ҳуқуқвайронкунии хоҷагии ҷангал ва ҳифзи табиат дохил мешаванд ва даъвоҳои хоҷагиҳои ҷангал ва мақомоти ҳифзи табиат дар асоси қоидаҳои умумӣ ва тибқи талаботҳои қонунгузории ҷангал ва ҳифзи табиат баррасӣ мегарданд;

б) маблағи зараре, ки ба хоҷагии ҷангал ва ҳифзи табиат расонида шудааст, ба суратҳисоби махсуси ин мақомот ситонида мешавад

в) товони зарар аз корхонаҳо, ташкилоту, муассисаҳо ва шаҳрвандон марбут ба расонидани зарар ба саломатии аҳолӣ ва амволи онҳо, ба хоҷагии қишлоқ бинобар вайрон кардани амнияти экологӣ ва муҳити табиат, вайрону нобуд сохтан, истифодаи исрофкоронаи захираҳои табиӣ ва дигар вайронкориҳои дар соҳаи қонунгузории ҳифзи табиат, бо риоя намудани талаботи КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 1094 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1999) ва тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 2 августи соли 2011 таҳти №760, Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011 таҳти №761, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таксаҳо барои ҳисоб карда баровардани андозаи ҷарима барои вайрон кардани қонунгузорӣ оид ба ҷангал» аз 2 декабри соли 2008 таҳти №613 ва «Низомномаи тартиби назорати давлатии ҳолат, истифода, барқарорсозӣ, нигоҳубин ва ҳифзи ҷангал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 сентябри соли 2000 таҳти №388 тасдиқ шудааст, ситонида мешавад;

г) омодасозии парванда барои муҳокимаи судӣ, ки ҳадаф аз он сари вақт ва дуруст ҳал намудани кор мебошад, дар ҳама ҳолатҳо ҳатмист, аз ин рӯ, судҳо бояд бечунучаро талаботи моддаҳои 150-153, 155, 156-и КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намоянд;

д) тибқи моддаи 135-и КМГ аз хоҷагиҳои ҷангал, мақомоти ҳифзи табиат ва дигар даъвогарон пешниҳод намудани нусхаи аризаи даъвогӣ мутаносибан ба теъдоди ҷавобгарон ва шахсони сеюм, ҳуҷҷати тасдиқкунандаи пардохти боҷи давлатӣ, ваколатнома ё дигар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ваколати намояндаи даъвогар, ҳисоби маблағҳои ситонидашаванда ё баҳсноке, ки аз ҷониби даъвогар, намояндаи ӯ имзо шудаанд, бо нусхаҳо мутаносибан ба теъдоди ҷавобгарон ва шахсони сеюм;

е) ваколатномаҳои намояндагони хоҷагиҳои ҷангал ва мақомоти ҳифзи табиат бояд тибқи талаботи моддаҳои 50,51,55,56 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровварда шуда бошад;

ж) саҳлангорӣ ҳангоми татбиқи қонуни мурофиавӣ нораво буда, ҳаллу фасли парванда бояд бо риоя намудани талаботи моддаҳои 156-203 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал баровварда шавад.

3. Ҳаминро бояд тазаккур дод, ки боби 24–и Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноятҳои муқобили амнияти экологӣ ва муҳити табиатро дар бар гирифтааст. Аз ин рӯ агар масъалаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани гунаҳгорон ба миён ояд, суд бояд ин масъаларо тибқи қонун ҳал кунад.

4. Шахсоне, ки барои қонунвайронкунии ҳифзи табиат ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд, аз пардохтани товони зараре, ки ба муҳити табиат ва хоҷагии ҷангал расонидаанд, озод карда намешаванд.

5. Ҳангоми баррасии парвандаҳои мазкур масъалаи ситонидани боҷи давлатӣ дар асоси қонунҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ бояд ҳал карда шавад.

6. Коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва граждании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, судҳои ВМКБ, вилоятҳои Хатлону Суғд ва шаҳри Душанбе мунтазам таҷрибаи баррасии судиро оиди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии ҳифзи табиат ҷамъбаст намоянд ва барои дуруст баррасӣ гардидани ин парвандаҳо чораҷӯӣ кунанд.

7. Бинобар қабул гардидани Қарори мазкур Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 1972 № 1 бо тағйиротҳое, ки бо Қарори Пленум аз 28 декабри соли 1989 № 9 “Дар бораи таҷрибаи аз тарафи судҳо татбиқ намудани қонунгузории марбут ба парвандаҳое, ки аз вайронкунии қонунҳои ҳифзи табиат бармеоянд” ворид гардидаанд, беэътибор дониста шаванд.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Фатҳиллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **З.Н. Азизов**